**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Рустамов Шуҳрат Рустамович дар мавзӯи «Селексия доир ба тағйирпазирӣ ва ирсияти генотипҳои намуди пахтаи *Gossypium barbadense* L.» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Селексияи генотипҳо бо усули дурагакунӣ, дар баробари ҳосилнокӣ, дар наслҳои дурага хусусиятҳои аломатҳои асосиро бояд ба назар гирад, ки боиси сифати баланди нах, аз қабили дарозӣ борикӣ (рақами метрикӣ), устуворӣ (бори кандашавӣ) мегарданд, зеро онҳо дар саноати нассоҷӣ моҳияти асосӣ доранд.

Унвонҷӯ Рустамов Шуҳрат Рустамович дар кори диссертатсиониаш дурагаҳои насли сеюм, ки аз гардолудкунии навъҳои 6465-В, 5595-В бо омехтаи гарди гули гуногуннавъ ҳосил карда шудаанд, хусусиятҳои худро дар сатҳи дурагаҳои $F_2$ зоҳир месозанд. Нишондодҳои миёнаи барҷастагии ғӯза дар дурагаҳои $F_3$ аз намунаҳои модарӣ қафо монда, дар ин маврид дар сатҳи нишондодҳо аз ҷуфтикунии ҷуфт бо худи ҳамин навъҳо қарор мегиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти кори диссертатсионии Рустамов Ш.Р. Таҳқиқотҳои илмии дар бораи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидорӣ, аз қабили ҳосилнокӣ, зудрасӣ, баромади нах ва хусусиятҳои технологии онро омӯхта истода, аз ҷониби мо бори якум таъсири махсусиятҳои генетикии наъҳои пахтаи маҳиннах, ки аз нигоҳи баромадаш ва ба ирсият гирифтани аломатҳо дар наслҳо фарқ мекунанд, муқаррар карда шуд. Ҳамчунин дурагаҳои $F_2$ ва $F_3$-и пахта интихоб гардиданд.

Ҳангоми мутолиаи автореферат баъзе хатогиҳои техникӣ имлои саҳифаи 22 ҷадвали 9 камтар нодуруст ҷойгир шудааст ба мушоҳида мерасанд, ки онҳоислоҳшаванда буда, қимати кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

Мақолаҳои чоп кардаи унвонҷӯ ва автореферати диссертатсияи ӯ пурра мазмуни кори илмиро инъикос менамояд. Кори диссертатсионии Рустамов Шуҳрат Рустамович дар мавзуи «Селексия доир ба тағйирпазирӣ ва ирсияти генотипҳои намуди пахтаи *Gossypium barbadense* L», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст, тахассусии анҷом ёфта буда, аз рӯйи ҳаҷму арзиши назариявию амалиаш, навгониҳо, чопи мақолаҳои илмӣ, хулосаҳои илмиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ аст.

Муаллифи кори диссертатсионӣ Рустамов Ш.Р.-ро барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад.

Раиси Маркази илмии Хатлони
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктори илмҳои биологӣ,
(03.02.01 - Ботаника), Бобоев Мариё Тиллоевич

Имзои Бобоев М.Т. тасдиқ мекунам:
Мутахассиси шуъбаи кадрҳо Д.А.Ғафуров

735360, ш. Кӯлоб, маҳаллаи Гулбоғ-1,
Тел.:+ (992) 918 89 84 10;
E-mail: b_mario@mail.ru

23.02.2024